Empowered Lives.
Resilient nations.

Вазорати Адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲЕЛВЕТАС Свисс Интеркооперейшен | тоҷикистон

# ҲУҚУҚ БА МЕРОС

*Лоиҳа аз ҷониби Ҳукумати Швейтсария маблағгузорӣ карда шуда истодааст.*

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

*Душанбе - 2013*

Маводи мазкур дар чаҳорчубаи лоиҳаи “Дастрасӣ ба адолат” таҳия гаштааст, ки аз ҷониби филиали ассотсиатсияи “ҲЕЛВЕТАС Свисс Интеркооперейшен” ва Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид бо дастгирии молиявии Раёсати Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC) дар Тоҷикистон амалӣ мегардад.

# МУНДАРИҶА

Брошюра дар бораи ҳуқуқ ба мерос.................................... 4
Мерос. Меросгузор. Ворисон ............................................ 4
Қабули мерос. Мӯҳлати қабул. Тартиби қабули мерос. ..... 5
Кушодашавии мерос......................................................... 6
Дар бораи васиятнома...................................................... 7
Меросгирӣ мутобиқи қонун. Даст кашидан аз мерос. ........ 9
Ҳиссаи заношӯӣ дар амволи меросӣ .................................. 9
Дар бораи ба расмиятдарории мерос................................. 10
Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос ............................ 10
Вориси ношоиста............................................................... 12
Тақсими мерос. Ҳиссаи ҳатмӣ ........................................... 13
Дигар масъалаҳо .............................................................. 14
Ариза ............................................................................... 15
Ариза ............................................................................... 16

# БРОШЮРА ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ БА МЕРОС

Шаҳрвандони гиромӣ, брошюраи мазкур ба Шумо имконият медиҳад, ки бо маълумоте шинос шавед, ки барои сарфаҳм рафтан ба масъалаҳои батанзимдарории ҳуқуқ ба мерос ёрӣ мерасонад. Дар ин ҷой Шумо метавонед ба саволҳое ҷавобҳо гиред, ки бо онҳо ҳангоми қабул ва ба расмиятдарории ҳуқуқ ба амволи меросӣ дар чаҳорчӯбаи қоннугузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворисон бисёртар сарукордор мешаванд. Брошюра хусусияти шиносоӣ дорад ва барои доираи васеи хонандагон таъин гардидааст.

## МЕРОС. МЕРОСГУЗОР. ВОРИСОН.

*1. Савол: Ворис (меросгиранда) кист?*

Ворисон тибқи васиятнома ё аз рӯи қонун шаҳрвандони дар лаҳзаи кушодани мерос зинда ва кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос, зинда таваллудшуда буда метавонанд. Инчунин тибқи васиятнома мумкин аст, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат низ ворис бошанд.

*2. Савол: Меросгузор кист?*

Меросгузор – ин шахси воқеии вафоткарда мебошад, ки моликият (амвол)-и ӯ ба мерос мегузарад.

*3. Савол: Мерос чист?*

Мерос - ин ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ҳуқуқҳои ғайримолумулкии ба молу мулк вобастаи шахси фавтида, ки дар вақти дар ҳаёт будани ӯ тааллуқ дошт, ба ғайр аз ҳуқуқҳое, ки ба шахсияти меросгузор алоқаманд аст. Мисол, ҳуқуқи гирифтани алимент, унвон , нафақа ва ғайраҳо, ки маҳз ба шахсияти меросгузор вобаста аст, ба мерос намегузаранд.

*4. Савол: Меросгирӣ чист?*

Меросгирӣ ин ба шахси дигар (ворисон) гузаштани ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкии шахси вафоткарда (меросгузор), ки ба ӯ то рӯзи вафоташ тааллуқ дошт, эътироф мешавад.

## ҚАБУЛИ МЕРОС. МӮҲЛАТИ ҚАБУЛ. ТАРТИБИ ҚАБУЛИ МЕРОС.

*5. Савол: Чӣ тавр мерос гузоштан мумкин аст?*

Мерос мумкин аст дар асоси васиятнома гузошта шавад. Дар ҳолати мавҷуд набудани васиятнома амволи меросгузор аз рӯи қонун ба мерос мегузарад.

*6. Савол: Оё меросро таҳти ягон шарт ё ин ки эзоҳ қабул кардан мумкин аст?*

Қабули мерос бо ягон шарт ё эзоҳот иҷозат дода намешавад, яъне ворис ҳуқуқ надорад, ки меросро бо ягон шарт қабул намояд.

*7. Савол: Оё як қисми мерос (масалан, хонаи истиқоматӣ)-ро қабул намуда, аз қисми дигари он (масалан, аз автомобил) даст кашидан мумкин аст?*

Ҳамаи мерос дар як вақт қабул карда мешавад, новобаста аз оне, ки кадом амвол дар вақти кабули мерос нишон дода шудааст. Ворис ҳуқуқ надорад, ки як қисми меросро қабул карда, аз қабули қисми дигараш даст кашад.

*8. Савол: Тартиби қабули мерос чӣ гуна аст?*

Қонун ду роҳи қабули меросро пешбинӣ менамояд:

1) Воқеан ба соҳибияти амволи меросӣ шурӯъ кардан;

2) Ба мақомоти нотариати маҳали кушода шудани мерос дар хусуси қабули мерос ариза додан.

Воқеан ба соҳибияти амволи меросӣ шурӯъ кардан маънои онро дорад, ки ворис доир ба нигоҳдории мерос хароҷотҳоро

пардохт намуда ба соҳибияти амволи меросӣ шурӯъ кардааст. Дар ҳолате, ки ворис далели дар мӯхлати муққараршуда воқеан идора кардани молу мулки меросиро пешниҳод карда натавонад, ё дар мӯҳлати муқарраркардаи қонун ариза пешниҳод накунад, он гоҳ масъалаи мазкур танҳо бо тартиби суди баррасӣ мешавад.

*9. Савол: Дар кадом мӯҳлат ариза дар хусуси қабули мерос бояд пешниҳод карда шавад?*

Ариза дар хусуси қабули мерос бояд дар муддати 6 моҳ аз рӯзи кушодашавии мерос пешниҳод карда шавад. Вақти кушодашавии мерос рӯзи вафоти меросгузор ё рӯзи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳалномаи судӣ дар хусуси вафоткарда эълон доштани ӯ эътироф карда мешавад. Дар мӯҳлати нишондодашудаи пешниҳоди ариза дар хусуси қабули мерос (шаш моҳ) инчунин бояд ариза дар бораи даст кашидан аз мерос пешниҳод карда шавад.

## КУШОДАШАВИИ МЕРОС.

*10. Савол: Кадом рӯз рӯзи кушодашавии мерос ба ҳисоб меравад?*

Рӯзи кушодашавии мерос ин рӯзи вафоти меросгузор мебошад.

*11. Савол: Чӣ тавр ва дар куҷо кушодашавии парвандаи мерос амалӣ карда мешавад?*

Парвандаи мерос дар ҷои кушодашавии мерос оғоз карда мешавад. Ҷои кушодашавии мерос ҷои истиқомати охири меросгузор, агар ҷои истиқомати охири меросгузор номаълум бошад, пас ҷои ҷойгиршавии қисми асосии амволи меросӣ ба ҳисоб меравад. Чун қоида, ҷои кушодашавии мерос аз рӯи ҳуҷҷатҳои мақомотҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ (иқтибос аз дафтари ҳавлӣ, маълумотнома аз ҷои истиқомат, дар бораи бақайдгирии меросгузор) муайян карда мешавад.

## ДАР БОРАИ ВАСИЯТНОМА.

*12. Савол: Васиятнома чист?*

Васиятнома ин иродаи ихтиёрии шаҳрванд оид ба ихтиёрдории ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкӣ дар ҳолати вафот карданаш мебошад, яъне шаҳрванд дар зиндагиаш ворисонашро худаш муайян карда метавонад. Ба ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ дохил мешаванд: ҳуқуқҳои муалифӣ, ҳуқуқи истифодабарии замин ва ғайра. Мисол, шаҳрванд метавонад, пурра ё қисман молу мулки то рӯзи вафоташ тааллуқдошта, ва инчунин ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро, ки мутобиқи қонун ҳуқуқи истифодаи якумраро дорад ба шахси дилхоҳаш васият кунад.

*13. Савол: Васиятнома аз ҷониби кӣ имзо карда мешавад?*

Васиятнома шахсан аз ҷониби меросгузор имзо карда мешавад. Мутобиқи қонун ҳангоми тартиб додани васиятнома новобаста аз дараҷаи саводнокӣ ва беморӣ иштироки шоҳиди интихобкардаи васияткунанда ҳатмӣ мебошад. Тасдиқ кардани васиятнома тавассути намояндагон иҷозат дода намешавад. Агар васияткунандаи васиятнома бо эътибори камбудиҳои ҷисмонӣ, беморӣ ва ё дигар сабабҳо натавонад васиятномаро бо дасти худ имзо кунад, пас он бо хоҳиши ӯ мумкин аст аз тарафи шаҳрванди дигар дар ҳузури нотариус ва худи васияткунанда имзо карда шавад. Дар ин вақт дар васиятнома нишон додани сабабҳое, ки бо эътибори онҳо васияткунанда натавонист ба васиятнома бо дасти худ имзо кунад, ҳатмӣ мебошад.

*14. Савол: Ҳангоми ба расмият даровардани васиятнома доштани чӣ гуна ҳуҷҷатҳо зарур мебошад? Оё дар вақти тартиб додани васиятнома мавҷуд будани амволро, ки дар васиятнома нишон дода мешавад, бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ кардан зарур аст (ҳуқуқи соҳибмулкӣ нисбати манзили истиқоматӣ, бӯстонсарой, замин)?*

Ҳангоми ба расмият даровардани васиятнома танҳо шиносномаи умумишаҳрвандии васияткунанда, шиносномаи шоҳид, инчунин рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА-и васияткунанда) зарур мебошад. Васиятнома мумкин аст нисбати ҳамаи амвол ё қисми муайяни он, инчунин бо нишон додани амволи аниқ, ки дар вақти тартиб додани васиятнома ба васияткунанда тааллуқ дошт ё ин ки тааллуқ надошт, тартиб дода шавад, зеро аз васияткунандагон пешниҳоди далел оиди дахл доштани амволи васиятшаванда ба онҳо талаб карда намешавад. Яъне, васияткунанда метавонад ҳар кадом амволро васият кунад (онро дар васиятнома нишон диҳад), чунки тааллуқ доштани амволи васиятшаванда, ҳуқуқ ба он танҳо ҳангоми ба расмият даровардани ҳуқуқ ба мерос ба тариқи васиятнома тафтиш карда мешавад.

*15. Савол: Агар шахсе, ки дар васиятнома нишон дода шудааст, пеш аз шахси васияткарда вафот кунад, пас оё мумкин аст, ки дар васиятнома чунин ҳолат пешбинӣ карда шавад ва ҳамчун ворис шахси дигар нишон дода шавад?*

Дар васиятнома мумкин аст инчунин ҳолатеро ба инобат гирифт, ки ворис (меросгиранда) пеш аз меросгузор вафот мекунад. Аз ин вазъият раҳо ёфтан мумкин аст, агар дар васиятнома дигар ворис низ таъин карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки дар васиятнома ба ғайр аз ворисӣ асосӣ вориси иловагӣ нишон дода мешавад, ки ӯ ба қабули мерос танҳо он вақт ҷалб карда мешавад, ки агар дар вақти вафоти меросгузор вориси асосӣ дар қайди ҳаёт мавҷуд набошад ва ё бо ягон сабаб ӯ аз мерос даст кашад.

*16. Савол: Кай ва чӣ тавр васиятномаро тағйир додан мумкин аст?*

Меросгузор то вақти вафоти худ ҳар вақт метавонад васиятномаи худро тағйир диҳад, бекор кунад ва ё васиятномаи нав тартиб диҳад. Барои ин ба ӯ зарур аст, ки ба идораи нотариалӣ муроҷиат карда васиятномаи навро тартиб диҳад

ва ё ариза дар бораи бекор кардани васиятнома пешниҳод намояд. Васиятномаи охирон тартиб дода шуда васиятнома қаблан тартиб дода шударо ба пурра ва ё дар он қисме, ки ба васиятномаи охирон тартиб дода шуда мухолифат мекунад, бекор мекунад

*17. Савол: Агар меросгузор васиятнома нагузошта бошад чӣ мешавад?*

Дар ҳоле, ки меросгузор васиятнома намегузорад, пас мерос мутобиқи қонун қабул карда мешавад. Қонун навбати ворисонро муқаррар мекунад.  Ворисони навбати аввал амволи шахси вафоткардаро ба ҳиссаи баробар ба мерос қабул менамоянд.  Ворисони навбати дуюм ва сеюм ё дуюм танҳо он вақт ба қабули мерос ҷалб карда мешаванд, ки агар ягон ворισи навбати аввал вуҷуд надошта бошад ва ғайраҳо.

*18. Савол: Оё васияткунанда (падар) метавонад дар васиятнома чунин нишон диҳад, ки мувофиқи он пас аз вафоти ӯ писараш автомобили ба меросгузор тааллуқдоштаро фурӯшаду аз рӯи маблаги он ҳаққи таҳсили духтари хурдии меросгузорро пардохт намояд?*

Васияткунанда ҳуқуқ дорад ба ворис супориш диҳад, ки аз ҳисоби мерос  ба манфиати  духтараш ягон ӯҳдадориро иҷро намояд, яъне пардохти ҳаққи таҳсили духтарашро иҷро намояд, лекин супориш дода наметавонад, ки автомашинаро фурӯшад.

## МЕРОСГИРӢ МУТОБИҚИ ҚОНУН. ДАСТ КАШИДАН АЗ МЕРОС. ҲИССАИ ЗАНОШӮӢ ДАР АМВОЛИ МЕРОСӢ.

*19. Савол: Пас аз вафоти шавҳар, агар васиятнома мавҷуд набошад, зан чӣ тавр метавонад меросро қабул намояд?*

Ҳангоми мавҷуд набудани васиятнома зан ҳуқуқ дорад меросро ба тариқи қонун қабул намояд. Мувофиқи қонун зан

ба гурӯҳи ворисони навбати аввал дохил мешавад ва бояд дар мӯҳлати 6 моҳ пас аз вафоти шавҳараш ба идораи нотариалии ҷои кушодашавии мерос бо ариза дар хусуси додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос муроҷиат намояд.

*20. Савол: Ҳиссаи заношӯӣ чист?*

Ҳисса дар моликияти умумии муштараки зану шавҳар (ҳиссаи заношӯӣ) дар он ҳолат ба вуҷуд меояд, агар амвол дар давраи заношӯӣ ба даст оварда шуда бошад ва бо созишнома байни онҳо (аҳдномаи никоҳ) тартиби дигар нисбати амволи мазкур пешбинӣ нашуда бошад. Дар ин ҳолат ҳатто кор накардани яке аз ҳамсарон, ки масалан бо корҳои ҳоҷагӣ (хона) машғул буд, аҳамият надорад.

Амволе, ки аз ҷониби яке аз ҳамсарон ҳамчун моликияти шахсӣ ба даст оварда шудааст (масалан, ба мерос ё ҳамчун ҳадя қабул карда шудааст) моликияти умумии муштараки зану шавҳар ба ҳисоб намеравад.

*21. Савол: Андозаи ҳиссаи заношӯии ҳамсари зинда монда чӣ гуна аст?*

Андозаи ҳиссаи ҳамсар 1/2 (аз ду як қисми) ҳиссаро дар ҳуқуқи моликият ба ҳамаи амволе, ки ҳамсарон дар давраи заношӯӣ ба даст оварда буданд, ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, ҳангоми муайян намудани ҳисса аз амволи умумии муштараки зану шавҳар ҳиссаи онҳо баробар мебошад, агар бо созишнома байни онҳо (масалан, аҳдномаи никоҳ) тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## ДАР БОРАИ БА РАСМИЯТДАРОРИИ МЕРОС. ШАҲОДАТНОМА ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ БА МЕРОС.

*22. Савол: Барасмиятдарории ҳуқуқ ба амволи меросӣ чӣ тавр сурат мегирад?*

Барасмиятдарории ҳуқуқ ба амволи меросӣ ба тариқи нотариали сурат мегирад.

*23. Савол: Агар дар байни ворисон баҳс мавҷуд набошад ҳуқуқ ба амволи меросӣ дар куҷо ва чӣ тавр ба расмият даровард а мешавад?*

Ҳуқуқ ба мерос аз тарафи мақомотҳои нотариалӣ ба расмият даровард а мешавад.

Мерос бо тартиби зайл ба расмият даровард а мешавад:

1. Кушодашавии парвандаи мерос дар идораи нотариалӣ;

2. Ба расмиятдарории бевоситаи ҳуқуқ ба мерос, дода шудани Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос.

*24. Савол: Барои ба расмият даровардани ҳуқуқ ба мерос чӣ гуна ҳуҷҷатҳо зарур мебошанд?*

Қонунгузории ҷорӣ номгӯи мушаххаси ҳуҷҷатҳоро барои ба расмият даровардани ҳуқуқ ба мерос муайян намекунад. Дар таҷриба бошад, барои кушодани мерос бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кард:

1. Шиносномаи умимишаҳрвандии ворис;

2. Ариза дар бораи қабули мерос (даст кашидан аз мерос);

3. Шаҳодатнома да бораи вафоти меросгузор;

4. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи кушодашавии мерос (чун қоида, иқтибос аз давтари ҳавлидорӣ, маълумотнома дар бораи бақайдгирӣ/аз ҷои истиқомат ва ё дигар ҳуҷҷат);

5. Ҳуҷҷате, ки ба аризакунанда барои ба расмият даровардани мерос пас аз вафоти меросгузор ҳуқуқ медиҳад:

- ҳангоми қабули мерос мутобиқи қонун – ҳуҷҷат дар бораи муносибатҳои хешутаборӣ (масалан, шаҳодатномаи дар бораи таваллуд, шаҳодатномаи қайди никоҳ ва гайраҳо)

- ҳангоми қабули мерос ба тариқи васиятнома – васиятнома бо қайди ҳолате, ки васиятнома тағйир ва ё бекор карда нашудааст.

Ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршударо ҷамъ оварда ворис онҳоро ба нотариус месупорад, ки пас аз он нотариус парвандаи меросиро оғоз мекунад.

*25. Савол: Муносибатҳои хешутаборӣ бо чӣ тасдиқ карда мешаванд?*

Муносибати хешутаборӣ асосан бо шаҳодатномаи таваллуд, шаҳодатномаи никох, шаҳодатномаи муқаррар кардани падарӣ, дар бораи фарзандхонӣ ва ғайраҳо, ки аз тарафи мақомоти сабти ҳолати шахрванди( САҲШ), ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дода шудаанд, тасдиқ карда мешаванд. Дар ҳолати мавҷуд набудани чунин ҳуччатхо, муносибати хешу таборӣ бо тартиби судӣ муқаррар карда мешавад.

*26. Савол: Бо кадом ҳуҷҷат ҳуқуқ ба мерос тасдиқ карда мешавад?*

Ҳуҷҷати тасдиққунандаи ба ворисон гузаштани ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкии меросгузор ин «шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос», ки аз ҷониби нотариус тасдиқ карда мешавад, мебошад. Шаҳодатномаи мазкур аз рӯзи дода шудан амал мекунад. Агар меросро шаҳрванди ноболиғ қабул намояд, пас нусхаи шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос ба мақомоти васоят ва парасторӣ барои бақайдгирии ҳиссаи ворisi ноболиғ фиристода мешавад, ки дар ин бора дар шаҳодатномаи додашаванда ишора карда мешавад.

*27. Савол: Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос кай дода мешавад?*

Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос, чун қоида, пас аз гузаштани мӯҳлати 6 моҳа аз рӯзи кушодашавии мерос дода мешавад. Танҳо он ҳолате истисно шуда метавонад, ки агар дар бораи вуҷуд набудани дигар ворисон дар идораи нотариалӣ далелҳои кофӣ мавҷуд бошанд.

## ВОРИСИ НОШОИСТА

*28. Савол: Киро ҳамчун ворisi ношоиста эътироф кардан мумкин аст?*

Ҳамчун ворisi ношоиста шаҳрвандоне эътироф карда мешаванд, ки амали онҳо дар вақти дар қайди ҳаёт будани меросгузор ба мухолифи меросгузор ва ё кадоме аз ворисо-

ни ӯ равона карда шуда буд. Инчунин ворисон аз қабули мерос дур карда шуданашон мумкин аст, агар кирдори онҳо ба муқобили амалӣ шудани нияти охирини меросгузор, ки дар васиятнома дарҷ гардида буд, ва ё барои зиёд кардани ҳиссаи мероси ба онҳо ва ё дигар ворисон марбута равона карда шуда бошад. Ҳолатҳои мазкур ба тартиби судӣ тасдиқи худро талаб мекунанд.

## ТАҚСИМИ МЕРОС. ҲИССАИ ҲАТМӢ.

*29. Савол: Масъалаи тақсими амволи меросиро чӣ гуна ҳал кардан мумкин аст?*

Амволи меросиро ба таври зайл тақсим кардан мумкин аст:

- шахсан аз ҷониби меросгузор бо роҳи тартиб додани васиятнома;
- баъд аз қабули мерос ва дода шудани Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос тақсим намудани ҳамаи амвол ба ҳиссаҳо дар байни ворисон бо роҳи тартиб додани Созишнома дар бораи тақсими амволи меросӣ.

*30. Савол: Кӣ метавонад ба ҳиссаи ҳатмии мерос ҳақ дошта бошад?*

Ба ҳиссаи ҳатмии мерос новобаста аз васиятномаи тартибдодашуда шахсони зерин ҳақ доранд: кӯдакони ба балоғат нарасида ва ғайри қобили меҳнати васиятгар, ҳамчунин падару модар (падархонду модархонд) ва ҳамсари қайри қобили меҳнати васиятгар.

*31. Савол: Дар кадом ҳолатҳо васиятномаро зери баҳс қарор додан мумкин аст?*

Васиятномаро дар ҳолатҳои зерин зери бахс қарор додан мумкин аст: Агар ҳангоми тасдиқи васиятнома шахсоне, ки шоҳид буда наметавонанд ва васиятномаро ба ҷои васияткунанда имзо карда наметавонанд ҷалб шуда бошанд, яъне нотариус, ҳамсар, фарзандон, падару модар, набераю абераи шахсе, ки нисбати вай васиятнома монда шудааст, ворисони

қонунии васияткунанда; шаҳрвандоне, ки ғайриқобили амал мебошанд, шаҳрвандон ва шахсоне, ки васиятномаро хонда наметавонанд васиятномаро ҳамчун шоҳид ва ба ҷои васияткунанда имзо гузоранд ва дигар ҳолатҳо, мисол, санаи тасдиқи он дарҷ нашуда бошад, дуруст тартиб дода нашуда бошад, ва ғайра васиятномаро зери баҳс қарор додан мумкин аст.

## ДИГАР МАСЪАЛАҲО.

*32. Савол: Чӣ тавр музди маоши аз ҷои кор пардохтнашудаи меросгузорро пас аз вафоти ӯ гирифтан мумкин аст?*

Мувофиқи қонунгузории ҷории меҳнатӣ музди маоши пардохтнашудаи коргар то вақти вафоти ӯ ба аъзоёни оилаи ӯ ё дигар шахсоне, ки хароҷоти дафни ӯро ба ӯҳда гирифтаанд, дар асоси талаби онҳо дода мешавад.

*33. Савол: Ҳуқуқи бартаридошта ба мерос чист? Дар чӣ он зоҳир мегардад?*

Ворисе, ки ҳамроҳи меросгузор ба амволи тақсимнашаванда (масалан, автомобил) ҳуқуқи моликияти умумӣ дорад ва доимӣ ҳангоми дар қайди ҳаёт будани меросгузор аз он истифода мебурд, ҳангоми тақсими мерос барои қабули он дар шакли аслӣ аз ҳисоби ҳиссаи меросии худ ҳуқуқи бартарӣ дорад. Бояд дар хотир дошт, ки гирифтани амволи мерос аз ҷониби ягон ворис бо роҳи афзалиятнок ҳатман бо пардохти ҷуброн ба дигар ворисон ҳамроҳӣ карда мешавад, ки аз ҳисоби дигар амволи меросӣ ва ё маблағҳои шахсии худи ворис амалӣ карда мешавад.

*34. Савол: Оё ҳуқуқ ба манзили истиқоматии худсарона сохташуда ба мерос мегузарад?*

Не, намегузарад, зеро ба мерос танҳо он амволе мегузарад, ки ба меросгузор дар асоси қонун тааллуқ дорад, манзили истиқоматии худсарона сохташуда бошад ин гуна намебошад, чунки шахси сохтмони худсаронаро иҷро намуда ба он ҳуқуқи моликиятро пайдо намекунад.

*Намунаи №1*

**Бо Идораи нотариалии**
**н. Синои шаҳри Душанбе**

## АРИЗА

Санаи 26 январи 2010 сол падари ман Ҳасанов Хусрав Азамович, 29 январи 1960 соли таваллуд, ки дар сурогаи ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 6, ҳуҷраи 32 истиқомат мекарданд, вафот карданд.

Ворисон (меросгирандагон) мутобиқи қонун шахсони зерин мебошанд:

1. Модар - Ҳасанова Малика Шариповна, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 4, ҳуҷраи 5.

2. Ҳамсар - Ҳасанова Лола Рустамовна, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 6, ҳуҷраи 32.

3. Писар - Ҳасанов Манучеҳр Хусравович, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 6, ҳуҷраи 32.

Амволи меросӣ аз манзили истиқоматӣ, воқеъ дар суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 6, ҳуҷраи 32, иборат мебошад.

Бо аризаи мазкур хабар доданиам, ки ман Ҳасанов Манучеҳр Хусравович баъд аз вафоти падарам Ҳасанов Хусрав Азамович меросро, аз чӣ иборат ва дар куҷое қарор дошта набошад, қабул менамоям. Аз ҳамин сабаб, хоҳиш менамоям, ки ба ман шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос дода шавад. Ба ғайр аз меросгирандагони дар боло нишон дода шуда дигар ворисон вуҷуд надоранд.

*Сана*____________
*Имзо*____________

*Намунаи №2*

Ба суди ноҳияи Рудакӣ Аризадиҳанда:
Кабутова Майсара, сокини ноҳияи
Рудакӣ, деҳоти Россия, деҳаи ғалаба

Шахсони манфиатдор: идораи нотариалии ноҳияи Рудакӣ;
КФБТИ ноҳияи Рудакӣ

**АРИЗА**
**(оид ба эътирофи ҳолати қабули мерос)**

Ман дар деҳаи Ғалабаи деҳоти Россияи ноҳияи Рудакӣ бо аҳли оилаам зиндагонӣ дорам. Манзили истиқоматии мазкур ба марҳум падари шавҳарам Кабутов Мирзоватан тааллуқ дошт. Ӯ соли 1989 вафот карда буд. Шавҳарам Кабутов Зиёвиддин ягона вориси падараш буд, номбурда 10 апрели соли 2008 бинобар беморӣ вафот кард. 5 марти соли 1979 бо Кабутов З. ақди никоҳ баста ба қайд гирифта шудааст.
Пас аз вафоти падари шавҳарам Кабутов М. ва шавҳарам Кабутов З. ман воқеан ба соҳибияти моли мулки меросӣ шурӯъ намудам. Меросгузорон ягон ворис надоранд, ягона ворис ман маҳсуб мешавам.

Барои қабули мерос ман ба идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рудакӣ муроҷиат кардам, дар он ҷо ба ман тавсия доданд, ки барои барои эътирофи ҳолати қабули мерос ба суд муроҷиат намоям.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии қисми 2 моддаи 1174 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 269-272 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суд

Бинобар гуфтаҳои боло бо дастрасии моддаҳои 1165, 1166, 1174-и КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суд

## ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:

Ҳолати қабули тамоми молу мулк, аз ҷумла манзили истиқоматии воқеъ дар деҳаи Ғалабаи деҳоти Россияи ноҳияи Рудакӣ, ки ба шаҳрвандон Кабутов Мирзоватан ва Кабутов Зиёвуддин тааллуқ дошт, аз ҷониби ман ҳамчун ворис эътироф карда шавад.

**Замима:** нусхаи ариза, расиди пардохти боҷи давлатӣ, нусхаи шиноснома, маълумотнома аз ҷои истиқомат, нусхаи шаҳодатномаи вафот, маълумотнома дар бораи аъзои оила, нусхаи шиносномаи техники манзил.

*Сана*____________
*Имзо*____________

БАРОИ ҚАЙДҲО

# БАРОИ ҚАЙДҲО

БАРОИ ҚАЙДҲО